## Тақризи

**муқаррizi расмӣ ба диссертатсияи номзадии Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) пешниҳод гардидааст. – 180 саҳ.**

Ҳарчанд ки дар атрофи адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX дар кутуби таърихи адабиёт ва мақолаҳои алоҳидаи муҳаққиқону шарқшиносон ҷо-ҷо ишоратҳо шудаанд, ҳақиқат ин аст, ки ин давраи адабиёти тоҷик то ба ҳол аз ҷониби ягон муҳаққиқе дар гунҷои як таҳқиқоти вижаи диссертатсионӣ ҷиддан ва ба таври ҷудогуна мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст. Ин давраи адабиёти тоҷик яке аз муҳимтарин ва нозуктарин адвор дар таърихи адабиёти тоҷик ва марҳалаи тағйирпазирӣ ва таҳаввули ҷиддии ақидавӣ дар мафкура ва зеҳни адибони ин давра маҳсуб мешавад. Маҳз дар ҳамин давра адибони зиёде амсоли: Садри Зиё, Тошхӯҷаи Асирӣ, Сиддиқии Аҷзӣ, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдуррауфи Фитрат, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдуқодир Шакурӣ, Аҳмадҷони Ҳамдӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Мирзо Ҳайити Саҳбо қадам ба саҳнаи адаб ниҳода, тавассути осори гуногунсатҳи хеш то ҷое дар рушду таҳаввули адабиёти давраи мазкур саҳм гузоштаанд.

Бо ин ки дар атрофи чанде аз адибони фавқуззикр дар адабиётшиносии тоҷик дар мақолаҳои алоҳида ва ё зимни таваҷҷуҳ бар таърихи адвори охири адабиёти тоҷик аз ҷониби муҳаққиқони ҳам даврони шуравӣ ва ҳам замони истиқлол изҳори назар шуда, ҳоло ҳам зиндагинома ва мероси адабии қисмати аъзами намояндагони давраи мазкури адабиёти тоҷик ниёз бар баррасиву бозбинии илмӣ дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсиониро дорад.

Дар иртибот бо ҳамин нукта метавон қайд кард, ки таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX» дар адабиётшиносии даврони истиқлол аз зумраи корҳои илмие маҳсуб мешавад, ки то ба ҳол дар атрофи он аз ҷониби муҳаққиқон таҳқиқоти ҷиддӣ ва алоҳидаву густарда рӯйи кор наомадааст. Мавзуи таҳқиқии интихобнамудаи унвонҷӯ аз ҷумлаи мавзуъҳое шумурда мешавад, ки ба самти адабиётшиносӣ ва шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) комилан **мувофиқат менамояд.**

**Аҳаммияти қобили таваҷҷуҳи мавзуи** кори илмии унвонҷӯи мазкур дар он инъикос мегардад, ки дар адабиётшиносии муосири тоҷик нахустин бор дар шакли як таҳқиқоти алоҳидаи диссертатсионӣ зиндагинома ва эҷодиёти Мирзо Ҳайити Саҳбо мавриди таҳқиқи фарогир – ҳам дар нигоҳ бар мавзуъ ва ғоя, ҳам дар нигоҳ бар хасоиси сохторӣ-жанрӣ ва ҳам дар нигоҳ бар вижагиҳои сабкиву бадеии онҳо қарор дода шудаанд.

**Навгонии таҳқиқоти диссертатсионии** Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар он инъикос мегардад, ки нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба яке аз адибони ҳунарманду хушсалиқаи авохири асри XIX ва ибтидои асри XX Мирзо Ҳайити Саҳбо таҳқиқоти густарда дар сатҳи як рисолаи диссертатсионӣ анҷом ёфта, бад-ин тариқ мақоми адабии Мирзо Ҳайити Саҳбо дар адабиёти давраи фавқуззикр бо истифода аз сарчашмаҳои дасти аввал ба исбот расонида шуд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он собит мешавад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ истифода мешавад. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методи таҳқиқ бармеояд. **Хулоса ва тавсияҳо** дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назарӣ пешниҳод гардида, дурнамои мавзуи таҳқиқӣ муайян шудааст.

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки дар он нахустин бор роҷеъ ба вижагиҳои сохториву мавзуии ғазалиёт, қасоид ва дигар анвои шеърии Саҳбо, хусусиятҳои сабкӣ ва бадеии ашъори Саҳбо, ҳамчунин, масоили марбут бар поэтикаи ашъори шоир – вазни ашъори шоир ва нақши қофияву радиф дар анвои шеърии Саҳбо дахл шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ дар иртибот бо мавзуи таҳқиқаш 9 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, ки аз онҳо 3-то дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6-тои боқимонда дар дигар маҷмуаву нашрияҳо чоп гардидаанд. **Маводи банашррасида** бо мавзуъ ва мундариҷаи таҳқиқи диссертатсионии унвонҷӯ робитаи зич дошта, нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни онро инъикос менамояд ва, бад-ин тариқ, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.

Диссертатсияи Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф аз муқаддима, 3 боб, 9 фасл ва хулосаву тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат

буда, дар маҷмуъ 180 саҳифаи чопии компютериро дар бар мегирад. Ҳар як боб дар такя ба сарчашмаҳои муътамад бо услуб хуби илмӣ таҳқиқ шуда, дар ҳар кадом саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаву баҳсҳои илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи интихобнамуда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ё мавзуоти таҳқиқ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, **нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд**, ки воқеан, дар илми адабиётшиносии тоҷик ва дар самти шинохту таҳқиқи рӯзгору осори Мирзо Ҳайити Саҳбо аҳаммияти вижаи илмӣ доранд.

Боби якуми диссертатсия **«Рӯзгор ва осори Мирзо Ҳайити Саҳбо»** унвон дошта, дар он дар ду фасл роҷеъ ба зиндагинома ва эҷодиёти бамеросмондаи шоири мазкур таҳқиқот бурда шудааст. Фасли якуми боби мазкур **«Зиндагиномаи Мирзо Ҳайити Саҳбо»** номгузорӣ шуда, муаллиф дар он кӯшидааст, то тавассути фурӯравӣ дар ҷузъиёти ҳаёти адиб тарҷумаи ҳоли адибро чи дар замони дар Бухоро зистан ва чи дар Бухорои Шарқӣ ба амалдорӣ шуғл варзидан бо далелҳои қотеъ баррасӣ кунад.

Дар фасли дуюми боби якум – **«Мероси адабии Саҳбо» муаллиф** роҷеъ ба ашъори боқимондаи Саҳбо таҳқиқот бурда, тавассути муроҷиат бар сарчашмаҳои дасти аввал – дар шумули нусхаҳои ватаниву хориҷии гуногуннашр ва гуногунсоли ашъори шоир, ҳамчунин, кутуби тазкира, баёзҳо – дар шумули “Гулшани адаб”, энсиклопедияҳо ва маълумоту набиштаҳои матбуоти даврӣ мероси адабии Саҳборо муайян кардааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки муаллиф дар баррасии нусахи ашъори Саҳбо, бахусус нусхаҳои хориҷие, ки дар китобхонаҳои Узбакистон ҳифз мешаванд, фурӯ рафта, хусусиёти фарқкунандаи онҳоро дар иртибот бо баргардониши нодурусту серғалати онҳо нишон дода, ҳар якеро шарҳ низ додааст, ки бад-ин тариқ, арзиши илмии таҳқиқоти хешро афзудааст.

Боби 2-юми диссертатсия **«Мушаххасоти анвои шеъри Саҳбо»** унвонгузорӣ шуда, фарогири се фасл мебошад. Дар фасли аввали боби мазкур – **«Мазмуну мундариҷа ва хусусиятҳои жанрии ғазалиёти Саҳбо»**

муаллиф дар хусуси мавзуоти марказиву меҳварии ғазалиёти Саҳбо ва вижагиҳои сохториву шаклии жанри мазкур дар эҷодиёти шоир андешаронӣ кардааст. Дар иртибот бо ин мавзуъ, муаллиф қаблан бо пажуҳиши оморӣ басомаду камомади абёт дар ғазалҳои шоирро ба таври умумӣ муайян карда, онро дар ҷадвали алоҳидае нишон додааст. Тибқи таҳқиқоти муаллифи диссертатсия, аз 191 ғазали шоир 67-тои он 9-байтӣ, 66-то 7-байтӣ буда, боқимонда бо теъдоди абёти гуногун дар мақомҳои пасин қарор доранд. Ҳамчунин, дар мавриди якдастӣ ё тавотури мавзуъ дар матни як ғазал муаллиф ғазалҳои Саҳборо бар ду қисм: ғазалҳои дорои мавзуъҳои гуногун ва ғазалҳои дорои мавзуи воҳид тақсим кардааст, ки шоистаи гуфтан аст.

Дар фасли дувуми боби дуюм – “**Мухаммасоти Саҳбо ва вижагиҳои онҳо”** муаллиф дар атрофи мухаммасҳои шоир пажуҳиш бурдааст. Барои муайян кардани хусусиятҳои мухаммасҳои Саҳбо муаллифи диссертатсия қаблан кӯшидааст теъдоди онҳоро тавассути таҳлили оморӣ муайян кунад, баъдан таааллуқияти забонии мухаммасоти Саҳбо, яъне чанд мухаммас ба забони форсӣ-тоҷикӣ ва чандто ба забони туркӣ сурудашударо мушаххас намояд. Ҳамчунин, муаллиф анвои мухаммасоти Саҳборо аз рӯйи мустақил будан ва бар ғазалиёти дигар шоирон баста шудани онҳо таҳлили оморӣ намуда, басомади ҳар ду навъро муайян кардааст. Тибқи таҳқиқоти муаллиф, Саҳбо 110 мухаммас суруда, 74 адади онро худ мустақил гуфтааст, 36-тои онро бар ғазалиёти дигар шоирон бастааст. Аз мухаммасоти навъи дувум 23 адад бо забони форсӣ-тоҷикӣ, 13-тои онҳо бо забони туркӣ суруда шудаанд.

Дар фасли 3-юми боби 2-юм – “**Қасоиди Саҳбо ва хусусиятҳои мундариҷавии онҳо**” муаллиф ба таҳқиқи қасидаҳои шоир пардохта, ҷанбаҳои ғоявиву мундариҷавии жанри мазкурро дар эҷодиёти Саҳбо баррасӣ намудааст. Бар тибқи нишондоди муаллифи диссертатсия, мавзуоти меҳварӣ дар қасоиди Саҳбо – инҳо тамҳид, мадҳ, васфия ва рисоия маҳсуб мешаванд. Ҷойи зикр аст, ки дар диссертатсия дар иртибот бо ҳар навъи қасида мисолҳои кофии шоҳид оварда шуда, бад-ин тариқ муаллиф бар ҳаллу исботи масъалаи дарпешгузоштааш даст ёфтааст.

Боби 3-юми диссертатсия – “**Хусусиятҳои сабкӣ ва поэтикии ашъори Саҳбо**”, ки қисмати ниҳоии таҳқиқоти муаллиф ба ҳисоб меравад, фарогири чаҳор фасл мебошад. Дар фасли якуми боби мазкур – **“Вижагиҳои сабкии ашъори Саҳбо”** муаллиф вижагиҳои сабкии шеърҳои Саҳборо дар мисоли ғазалиёти ӯ баррасӣ кардааст ва ваҷҳи онро дар он дарёфта, ки жанри мазкур дар девони Саҳбо ҳам аз нигоҳи теъдоди абёт,

ҳам аз ҷиҳати басомади ғазалиёт дар қиёс бо дигар анвои шеърии шоир мавқеи якумдараҷа дорад. Муаллиф содабаёниву корбурди калимаву ибораҳо ва таркибҳои осону оммафаҳм, ки хосси забони кӯчаву бозоранд; корбурди вожаҳову ифодаҳои маҳаллиро, ки махсус бар шеваи гуфтори шоиранд, аз вижагиҳои чашмрастарини ашъори Саҳбо зикр кардааст. Бо ин ки муаллифи диссертатсия хасисаҳои фавқуззикрро аз шумори нишонаҳои аввалдараҷаи сабкӣ дар ашъори шоир – дар мисоли ғазалиёти вай зикр кардааст, вижагии дигари назаррас: корбурди зиёди вожаҳои мураккабу мушкилфаҳмро, ки вуҷуди онҳо авомили наздикии тарзи суханварии Саҳборо бо шоирони сабки ҳиндӣ наздик мегардонад, махсус қайд кардааст. Мисолҳои зиёд дар мавриди хусусиёти сабкии ашъори Саҳбо ҷанбаи илмиву таҳқиқии диссертатсияро басо қавӣ гардонидаанд.

Дар фасли дувуми боби 3-юм – “**Хусусиятҳои бадеии ашъори шоир**” муаллиф кӯшидааст, ки дар мисоли санъатҳои бадеие амсоли: ташбеҳу истиора, талмеҳ, таҷнис, мувашшаҳ, тавсиф, тазод, такрор, муболиға, иҳом ва монанди инҳо масъалаи дарпешгузоштаи таҳқиқашро баррасӣ намояд. Дар ин фасл низ мисолҳои зиёди шоҳид бар муҳокимоту андешаронииҳои муаллиф руҳи вижаи илмӣ бахшида, муҷиби қавитар гаштани ҷанбаи бурҳонии кор гардидаанд.

Дар фасли 3-юми боби сеюм – “**Вазни ашъори Саҳбо**” муаллифи диссертатсия эҳтимом бар муайяну мушаххас кардани авзони навъҳои шеърии Саҳбо варзидааст. Ин фаслро метавон аз қисматҳои нисбатан ҷиддии таҳқиқоти муаллиф маҳсуб донист, чун худи мавзуи вазн, аруз ва вижагиҳои он аз мавзуъҳои басо ҷолиб ва, дар навбати худ, ҷиддиву заҳматталаб ба шумор меравад. Аммо бо вуҷуди мушкилӣ дар ин маврид, муаллиф тавониста, то масъалаи вазни ашъори Саҳборо дар мисоли се жанр: ғазалиёт, мухаммасот, қасоид, ки дар девони шоир аз нигоҳи тааддуду басомад мавқеи асосиро ишғол менамоянд, басо донишмандонаву мӯшикофона мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад. Шоситаи зикр аст, ки дар таҳқиқи ин масъала муаллиф, барҳақ, муваффақ гардидааст. Ҳам дар баррасии вазнии ғазалиёт, ҳам қасоид ва ҳам мухаммасоти шоир муаллиф мисолҳои зиёди шоҳидро оварда, афкори назарии хешро тавассути онҳо асоснок намудааст.

Дар фасли чаҳоруми боби 3-юм – “**Нақши қофияву радиф ва хусусияти онҳо дар ғазалиёти Саҳбо**” муаллиф ду унсури асосии шеър – қофия ва радифро дар ашъори Саҳбо таҳқиқ кардааст. Ин масъаларо ҳам муаллифи диссертатсия дар асоси ғазалиёти шоир мавриди пажуҳиш қарор додааст, боз ҳам ба ҷиҳати риҷҳони теъдоди абёту миқдори жанри

мазкур дар эҷодиёти ӯ. Шоистаи гуфтан аст, ки дар мавриди қофияҳои ашъори Саҳбо муаллиф тавониста асоситарин вижагиҳои корбурди ин унсурро дар матни ғазалиёти шоир муайян карда, ҳар якро тавассути мисолҳои шоҳид эътимодбахш намояд. Яке аз вижагиҳои назаррас дар мавриди корбурди қофияро муаллиф дар такроршавии унсури мазкур дар матни ғазалиёти шоир доништа, тавассути таҳлили оморӣ дараҷот ё анвои онро муайян карда, онҳоро бо мисолҳои шоҳид мушаххас бинмудааст. Вижагии дигари қобили таваҷҷуҳ дар корбасти қофия дар ғазалиёти Саҳборо муаллиф дар шикасти онҳо, яъне қофияшикании шоир дарёфтааст. Се мисоли шоҳиде, ки муаллиф ҷиҳати нишон додани қофияшикании Саҳбо дар кораш овардааст, қобили қабул ва таҳлили онҳо низ шоистаи истиқбол аст.

Дар мавриди баррасии радиф дар ашъори Саҳбо дар мисоли ғазалиёти вай муаллиф аз таҳлили оморӣ кор гирифта, басомади ғазалҳои мураддаф ва камомади ғазалҳои берадифи шоирро мушаххас намудааст. Тибқи таҳлиле, ки ӯ дар сари 191 ғазали Саҳбо анҷом дода, муайян намудааст, ки аз теъдоди мутазаккира 127 ғазали шоир бо тасоҳуби 70% дорои радиф, яъне мураддаф, боқимонда, ки 64 ададро ташкил медиҳад, бо тасоҳуби 33, 5% берадиф мебошанд. Ҳамчунин, муаллиф зимни таҳқиқи мавзуи радиф муайян кардааст, ки аз 127 ғазали мураддафи шоир 117 адади онҳо ғазалиёти форсӣ-тоҷикӣ, 10 адад – туркӣ ва аз ғазалиёти берадиф 21 адад – форсӣ-тоҷикӣ ва 2-то туркӣ ба ҳисоб мераванд. Муаллиф зимни таҳқиқ дар масъалаи корбурди радиф дар матни ашъори Саҳбо чанд вижагии марбут бар радифро дар ғазалиёти шоир дарёфта, ки аз ҷумлаи онҳо корбурди радифҳои таркибӣ, истифодаи тазодди фикр дар радифбандӣ, ибтикорот дар овардани радифҳои яквожаии нав ва, ҳамчунин, шикаст дар мавриди корбурди радиф ба ҳисоб мераванд.

**Хулосаи диссертатсияи** Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дарбаргирандаи асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 18 банд натиҷагирӣ шудааст ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Тавсияҳои муаллиф роҷеъ ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқоташ дар 5 банд пешниҳод гардидаанд.

Бо вуҷуди муваффақиятҳо, дар таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф баъзе камбудҳову ғалатҳо мушоҳида мешаванд, ки бар ҳусну тамомати кор то ҷое халал ворид месозанд. Бинобар ин, ҷиҳати пешрафти таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф зикри онҳоро зарур мешуморем:

1. Эроди нахустини мо марбут бар чигунагии риояти тавозун дар ҳаҷми бобҳои диссертатсия мебошад. Чи гуна ки аз мундариҷаву муҳтавои кор дида мешавад, боби 1-уми он иборат аз 29 саҳифа, боби 2-юм – 35 саҳифа ва боби 3-юм иборат аз 77 саҳифа мебошад. Бар тибқи қоидаи навишти рисолаҳои диссертатсионӣ, дар бобҳо бояд баробарии саҳифаҳо риоя шавад ва зиёдиву камии саҳифаҳо набояд беш аз 2-3 саҳифа бошад. Аммо, боби 3-юми кор нисбат ба боби 1-ум 48 саҳифа ва нисбат ба боби 2-юм 42 саҳифа зиёдтар дорад, ки ин нишондиҳандаи адами тавозун дар риояи ҳаҷми бобҳо мебошад. Бинобар ин, агар боби 3-юм – "Хусусиятҳои сабкӣ ва поэтикии ашъори Саҳбо", ки иборат аз чаҳор фасл мебошад, ба ду боби алоҳида тақсим мешуд, баробарвазнӣ дар ҳаҷми бобҳо бад-ин тариқ таъмин мегардид. Ҳеч лозим набуд, ки дар диссертатсия чаҳор масъала дар гунҷои як боб баррасӣ шавад. Мешуд, ки ин боб ба бобҳои 3 ва 4 тақсим гардида, яке "Хусусиятҳои сабкӣ ва бадеии ашъори Саҳбо", дигаре "Хусусиятҳои поэтикии ашъори Саҳбо" номгузорӣ мешуд ва ҳар ду боб, дар навбати худ, бар ду фасл тақсим мегардид. Дар ин сурат баробарии бобҳо таъмин мегардид.
2. Дар боби 2-юми диссертатсия муаллиф дар 3 фасл дар хусуси анвои шеъри Саҳбо дар мисоли ғазалиёт, мухаммасот ва қасоиди ӯ таҳқиқот бурда, аммо дар атрофи дигар анвои шеърӣ дар эҷодиёти шоир, аз ҷумла мусаддас, қитъа, фард фасле ҷудо нашудааст; ҳол он ки бар тибқи нишондоди худи муаллиф, дар девони шоир 6 адад мусаддас – ҳовии 151 байт, 6 адад қитъа – ҳовии 27 байт ва 6 адади дигар фард – бо 6 байт мавҷуданд [диссертатсия, саҳ. 42]. Вуҷуди анвои мазкури шеърӣ тақозо мекунад, ки фасли алоҳидае бар таҳқиқи онҳо мунтасиб гардад.
3. Дар фасли 3-юми боби 3-юм – "Вазни ашъори Саҳбо ва хусусиятҳои он" муаллиф дар муайян кардани вазни анвои шеърии Саҳбо аввал номи арузии аркони буҳур ва ишораи шартии онҳоро меорад, баъдан худи мисолҳои шоҳидро; ҳол он ки бар тибқи шуруту қавоиди кори илмӣ аввал мисоли шоҳид, баъдан алоиқи вазнӣ амсоли номи арузии аркон ва ишорати шартии онҳо оварда мешавад. Ҳам дар иртибот бар он чи дар эроди 3-юм гирифта шуд, метавон илова кард, ки муаллиф рукни аввали баҳрҳоро бо ҳарфи калон овардааст, ки ҳеч лузуме надорад; зеро он ҷумла нест, ки дар оғоз ниёз бар ҳарфи бузург

дошта бошад, чун лозимаи ҷумла феъл аст ва феъл муҷиби хатми ҷумла ва оғоз ёфтани ҷумлаи навин аст.

4. Дар фасли 1-уми боби 3-юм муаллифи диссертатсия дар хусуси сабки сухангустарии Саҳбо андешаронӣ карда, чигунагиву вижагии онро дар мисоли ғазалиёти вай баррасӣ кардааст. Ин ки муаллиф аз чанд ҷиҳат, аз ҷумла таваҷҷуҳи Саҳбо ба вожаву таркибҳои халқӣ ва корбурди калимаҳои мушкилфаҳми мураккаб, сабки шоирро ба тарзи суханварии намояндагони сабки ҳиндӣ наздик зикр кардааст, қобили таваҷҷуҳ аст. Агар дар ин маврид муаллиф ҷиҳати исботи фикри худ ба таври қиёс аз шоирони сабки ҳиндӣ як-ду мисол оварда, бад-ин роҳ матлаби худро баён мекард, ҷанбаи илмии ин фасл қавитар мегардид. Муаллиф, қабл аз он ки роҷеъ ба таваҷҷуҳи Саҳбо ба корбурди вожаҳои мураккаб сухан мегӯяд, як дафъа аз Бедил ёдовар мешаваду бас, он ҳам бе мисоли шоҳид; баъди ин якбора аз Саҳбо мисолҳои шоҳидро дар шакли калима меорад. Ба андешаи мо, дар ин маврид аз Мирзо Бедил ва дигар шоирони сабки ҳиндӣ мисолҳои шоҳид оварда мешуданд ва бо мисолҳои Саҳбо муқоиса мегардиданд, бар ҷолибияти андешаҳои муаллиф афзуда мешуд. Муаллиф метавонист, ҷуз аз Бедил аз дигар шоирони сабки ҳиндӣ, масалан аз Урфӣ ва Калим намунаҳои зиёдеро дар мавриди вожаҳои мураккаб ба таври қиёс меовард, ки қабл аз Бедил дар вожасозии шеъри сабки ҳиндӣ саҳм гузоштаанд. Дар мавриди корбурди вожаву таркиб ва ифодаву таъбирҳои халқӣ муаллиф, ҳамчунин, метавонист аз Соиби Табрезӣ ва Сайидои Насафӣ мисол оварда, онҳоро бо мисолҳои Саҳбо муқоиса мекард ва бад-ин тартиб наздикии равиши Саҳборо бо сабки шоирони мазкур ба исбот мерасонид.

5. Ба андешаи мо, агар муаллифи диссертатсия фасли 1-уми боби 3-юмро ба ду зерфасл тақсим карда, зерфасли якумро ба сабки ғазалсаройии шоир ва зерфасли 2-юмро ба сабки қасоид ва мухаммасоти вай ихтисос медод, хубтар мешуд. Зеро дар девони шоир ду жанри охир ҳам дорои аҳаммият мебошанд ва шоистаи онанд, ки дар хусуси вижагиҳои сабкии онҳо низ таҳқиқот бурда шаванд. Дар ин сурат таҳқиқоти муаллиф дар мавриди сабки ашъори Саҳбо боз ҳам мукаммалтар мегардид.

Аммо вуҷуди камбудҳои мазбур, дар умум, бар камол ва пуррагии кор халали ҷиддӣ ворид намесозанд, зеро онҳоислоҳпазиранд ва муаллиф

метавонад дар корҳои минбаъдаи хеш, аз ҷумла зимни омодасозии монографияи илмияш, онҳоро ислоҳ намояд.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои ба чоп расонидаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, бо меъёрҳои роиҷи кори илмӣ мутобиқат менамоянд. Таҳқиқоти диссертатсионии Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф бо ихтисоси илмии интихобнамудааш мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) комилан мувофиқат мекунад.

Коркарди илмии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Хулоса, диссертатсияи номзадии Шарифзода Ёрмуҳаммад Шариф дар мавзуи «Мирзо Ҳайити Саҳбо ва мақоми ӯ дар адабиёти тоҷикии охири асри XIX» ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Данғара: Саидҷаъфаров О.Ш.
Сана: 22.01.2024

Маълумот барои тамос:
Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил., Хатлон, ноҳ. Данғара, куч. Марказӣ
Тел: (+992) 909093184
E-mail: Ozod_060374@mail.ru

Имзои Саидҷаъфаров О.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода С.Т.

Маълумот барои тамос:

ШУЪБАИ КАДРҲО
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вил., Хатлон, ноҳ. Данғара, куч. Марказӣ, 25
Тел: (+992) 8331222806; 905773310
E-mail: dddangara_2013 @mail.ru;
avliyoqulov97@mail.ru
Сана: 12.01.2024